**Суратмаҷлиси №35**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068
назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

аз «7» 09 соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
Аз 15 нафар аъзои Шуро 15 нафар

**РӮЗНОМА:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи «Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Роҳбари илмӣ: номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ Раҷабова Мавлуда Мамаҷоновна ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Ҷаматов С.С. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Каримова Дилафруз Насибовна маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи «Инъикоси консепти “бойигарӣ” - “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

**Мухторов Зайниддин** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи экспертӣ.

**Саидзода Ҳалим Азиз** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

**Раҳмонова Наргиз Шарифовна** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент Каримова Д.Н.